# ТАҚРИЗИ

**муқаррризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ. – Душанбе, 2025. – 350 с.**

Дар таърихи асри миёнаи халқи тоҷик нимаи дуюми асри XIV ва асри XV яке аз давраҳои муҳим ба шумор меравад. Ин замони ҳукумати Темур ва Темуриён дар қаламрави Мовароуннаҳр ва Хуросон аст. Бояд қайд намуд, ки доир ба ин давраи таърихӣ аз ҷониби муҳаққиқон асар ва мақолаҳои зиёди илмӣ навишта шудааст. Баробари ин, ба чанде аз паҳлуҳои таърихии он равшании пурра андохта нашудааст. Махсусан мавзуи таърихнигории вазъи иқтисодии Мовароуннаҳру Хуросон дар давлати Темуриён, муборизаҳои истиқлолхоҳонаи мардуми Хуросон, ҳаракати Сарбадорон, муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тоҷикон дар асрҳои XIV-XV яке аз масъалаҳоест, ки он дар таърихнигории миллӣ ба таври комил ҳалли худро наёфтааст. Аз ин хотир мавриди таҳқиқ қарор гирифтани ин мавзуи муҳим дар таърихнигории таърихи халқи тоҷик ниҳоят мубрам буда, аҳаммияти калони илмиро дорост.

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Кори диссертатсионии Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиноси ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ пурра мувофиқат менамояд.

**Мубрамии мавзуи таҳқик.** Диссертатсия ва мавзуи он барои илми таърихнигорӣ ва таърихи халқи тоҷик мубрам ва нав аст. Диссертатсияи доктории Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар он зоҳир мешавад, ки то кунун оид ба мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV” таҳқиқи диссертатсионии бевосита ва мустақим анҷом наёфта буд ва ин кӯшиши аввалин аз ҷониби унвонҷӯ

барои ҳалли ин масъала ба шумор меравад. Муродзода Аҳмадхон Амрохон дараҷаи коркарди илмии проблемаи мавриди омӯзишро таҳлил намуда, рисолаю мақола ва таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷиро, ки ба ин мавзуъ бахшида шудаанд, ба таври шартӣ ба ҳафт гурӯҳ ҷудо намудааст. Довталаби дараҷаи илмӣ ба хулосаи дуруст омадааст, ки то ҳанӯз ҷанбаҳои илмӣ, назариявӣ, амалӣ ва методологии таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV дар илми таърихнигории ватанӣ ва хориҷӣ дар сатҳи зарурӣ ва бо дарназардошти талаботи муосири ҷомеа таҳқиқ *нагардидааст. Диссертант* дар пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот маъхазҳои дар таълифи диссертатсия мавриди истифода қароргирифтаро аз рӯйи мазмуну муҳтаво ва фарогирии мавзуъҳои баррасигардида, ба панҷ гурӯҳ ҷудо намуда, дар бораи онҳо маълумоти мухтасар овардааст.

**Дараҷаи навгониҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгонии илмии таҳқиқот дар он зоҳир меёбад, ки бори аввал дар илми таърихнигорӣ ва манбаъшиносӣ кӯшиш шудааст, то заминаҳо, роҳҳо ва вижагиҳои гуногуни парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон, ташкилёбии давлати Темуриён, забткориҳои Темури ланг, вазъи сиёсии Хуросону Мовароуннаҳрро дар нимаи дуюми асри XIV- асри XV- равшан гардад. Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар асоси таҳлили сарчашмаву осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ бори нахуст мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV”-ро ба таври ҳамаҷониба ва васеъ ба риштаи таҳқиқ кашида, вазъи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV -ро таҳқиқ ва муайян намудааст. Ӯ дар асоси маълумоти манбаҳои таърихӣ воқеаҳои калидии минтақаи Хуросону Мавороуннаҳр – ҳаракати Сарбадорони Самарқанд, ба сари қудрат омадани Темур ва забткориҳои ӯ, мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур, хукумати Темуриён (Шоҳрух, Улуғбек, Ҳусайн Бойқаро ва диг.) дар асри XV ба таври фарогир мавриди таҳқиқ қарор дода, хусусият ва марҳилаҳои таърихи Хуросону

Мовароуннаҳрро дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-ро дар осори ҳамзамон ва таҳқиқотҳои таърихӣ муайян намуда, маълумоти васеи сарчашмаҳои хаттӣ-таърихии асрҳои XIV-XV-и арабию форсиро бори аввал ба гардиши илмӣ ворид намуд.

Нахустин бор дар илми таърихнигории имрӯзаи тоҷик лашкаркашиҳои бераҳмонаи Темур ва Темуриён, қатли ом, бунёди калламанораҳо, вайрону валангор сохтани шаҳрҳо, қалъаҳо, ошӯбҳои мардумӣ, ситонидани андозҳои такрорӣ, ки боиси ноором ва қаҳтию гуруснагии мардуми ин минтақа, яъне Мовароуннаҳру Хуросон гардидаанд, мавриди таҳлилу баррасӣ сурат мегирад.

Дар рафти таҳқиқот аз усулҳои муносибати комплексиву системавӣ ва маърифатии дар илми муосири таърих истифодашаванда - таърихият, пайдарпайии хронологӣ ва мантиқӣ, таҳлили таърихӣ-муқоисавӣ, тавсия, таҳлили системавӣ, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва назари интиқодӣ истифода гардидааст. Ҳамчунин дар диссертатсия ҷараёни байнисоҳавӣ истифода шудааст, зеро бо хусусиятҳои мавзуи таҳқиқот монандӣ дошта, паҳлуҳои гуногуни он бо истифода аз дастовардҳои илмҳои манбаъшиносӣ, таърихнигорӣ, хронологияи таърихӣ ва ғайра омӯхта шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои унвонҷӯ асосӣ илмӣ доранд. Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо он собит мешавад, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ аз консепсияҳои илмӣ ва назарии таърихнигории ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, кифоя будани сарчашмаҳои таърихӣ, маводи таҳқиқотӣ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ ва муқоисаи илмию амалии нуқтаҳои мавзуи таҳқиқшаванда, таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Аҳаммияти илмию амалии

таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки дар асоси тахдилҳо ва таҳқиқотҳо заминаҳои таърихии рушди иқтисодию иҷтимоӣ ва гулгулшукуфии фарҳанги халқи тоҷик дар нимаи дуюми асри XIV ва асри XV, намояндагони илму ҳунари он замон муайян гардидааст.

Омӯзиши таҳқиқоти мазкур ҳамчун мавзуи муҳимми таърихӣ, на танҳо аҳаммияти илмиву амалӣ дорад, балки барои равшан сохтани саҳифаҳои таҳқиқнагардида ва норавшани таърихи асри миёнаи халқи тоҷик, инчунин барои тарбияи наслҳои ҷавони имрӯза ва ояндаи миллат кумаки амалӣ хоҳад расонд. Таҳқиқоти мазкур метавонад зимни таҳияи корҳои илмӣ доир ба масълаҳои муҳимми таърихӣ ва фарҳанги халқи тоҷик ва мардумони ҳамҷавор тартиб додани барномаҳо, дастурҳои таълимӣ, таҳияи курсҳои махсус доир ба таърих ва фарҳанги мардуми Хуросону Мавороуннаҳри нимаи дуюми асри XIV ва асри XV барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода шавад.

**Қисмати асосии таҳқиқ**. Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 11 зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия иборат аст. Дар ҳар кадоме аз бахшҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқ, саҳеҳ нишон додани маъхазҳо, муҳокимаю баҳси пурсуди илмӣ ва натиҷагириҳои ҷолиби диққат ба назар мерасанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи он, робитаи кор бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсаду вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқ, сарчашмаҳои таҳқиқ, навгонии илмии диссертатсия, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ, мутобиқати мавзуи диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ, нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми кор бо низоми муайян шарҳу баён ёфтаанд.

Дар диссертатсия мақсаду вазифаҳои мушаххас пайгирӣ шуда, нуктаҳои асосие ба ҳимоя пешниҳод гардидаанд, ки дар асоси таҳлилу омӯзиши сарчашмаҳои таърихӣ ва осори муҳаққиқони муосир доир ба мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV” равшанӣ меандозанд.

Боби якуми диссертатсия “Бозтоби вазъи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 40-60-уми асри XIV дар осори ҳамзамонон ва пажуҳишҳои таърихӣ” номгузорӣ шуда аз се зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал манбаъҳои хаттии таърихии асрҳои XIV ва XV, ки ҳангоми баррасии мавзуи мавриди таҳқиқ истифода шудаанд, аз нуқтаи назари интиқодӣ таҳлил гардида, аҳаммият ва мавқеи онҳо дар ҳалли масъалаи таҳқиқшаванда муайян карда шудааст. Зербоби дуюми боби аввал “Парокандагии сиёсӣ дар Мовароуннаҳру Хуросон” унвон дошта, он инъикоси вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар миёна ва нимаю дуюми асри XIV бахшида шудааст. Дар зербоби сеюм инъикоси шуриши Сарбадорони Самарқанд дар сарчашмаҳои хаттӣ ва бозтоби он дар осори илмӣ оварда шудааст.

Боби дуюми рисола “Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони солҳои 70-уми асри XIV ва оғози асри XV” аз 2 зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он ҳокимияти Самарқандро гирифтани Темур ва оғози забткориҳои ӯ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Зербоби дуюми боб ба таҳлил мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Темур бахшида шудааст.

Боби сеюми рисола “Вазъи сиёсии Мовароуннаҳр ва Хуросони нимаи дуюми асри XV дар осори ҳамзамонон ва таҳқиқотҳои таърихӣ ва ховаршиносӣ” номгузорӣ шуда, аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввали он мубориза барои ҳокимият баъд аз вафоти Шоҳрух. Улуғбек ва нокомиҳои ӯ дар умури давлатдорӣ” ва инъикоси он дар сарчашмаҳои таърихӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Боби чоруми рисола “Вазъи сиёсии Мовароуннаҳру Хуросон дар нимаи дуюми асри XV дар манобеи таърихӣ ва осори муҳаққиқон” ном

дошта, аз 2 зербоб иборат аст. Зербоби аввали он ба вазъи сиёсии Мовароуннаҳр дар нимаи дуюми асри XV бахшида шудааст. Диссертант қайд намудааст, ки таърихи ин даври давлати Темуриён дар сарчашмаҳои хаттӣ хуб инъикос шудааст. Муродзода Аҳмадхон Амрохон пас аз таҳлили сарчашмаҳои хаттӣ ва осори илмии муҳаққиқон ба чунин хулоса омадааст, ки бозиҳои доҳилии дарбор, бад шудани муносибатҳо байни намояндагони сулола идораи давлатиро заиф мегардонад. Дар зербоби дуюм замои ҳукумати султон Ҳусайн Бойқаро дар Хуросон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Боби панҷуми рисола “Инъикоси вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии нимаи дуюми асри XIV ва асри XV-и Мовароуннаҳру Хуросон” унвон дорад. Дар зербоби аввал унвонҷӯ инъикоси вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии Хуросону Мовароуннаҳрро дар асоси сарчашмаҳои гуногун таҳлил намудааст.

Дар зербоби дуюми боби панҷуми рисола саҳми донишмандони минтақа дар рушду густариши илм ва фарҳанги замони мавриди таҳқиқ номгузорӣ шудааст. Диссертант дар ин ҷо нақши муаррихон ва фақеҳони асри миёна ва осори муҳаққиқони ватанию хориҷиро дар омӯзиши ин мавзуъ муайян намуда, чунин хулоса баровардааст, ки тоҷикон фарҳанги ин замонро боло бардошта, ба он хусусияти фаромиллӣ доданд. Диссертант таъкид менамояд, ки дар натиҷаи саҳми арзандаи донишмандону олимони минтақа дар илмҳои бунёдӣ ташаккули фарҳанги ин давра рушд ёфта, ба таъмини амнияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мусоидат намуд.

Дар хулосаи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомёфта ба таври мухтасар нисбат ба ҳар боб дар алоҳидагӣ зикр гардида, баъзе тавсия ва пешниҳодҳои муаллифӣ манзур гардидаанд.

Хулосаҳо ва тавсияҳои Муродзода Аҳмадхон Амрохон касбӣ буда, баёнгари мундариҷаи диссертатсия ҳастанд ва бо маводи зиёди назариявию амалӣ ва далел асоснок гардидаанд. Яке аз хусусиятҳои диссертатсия дар он зоҳир мегардад, ки довталаб Муродзода Аҳмадхон Амрохон

тавонистааст оид ба ҳамаи нуктаҳо ва маълумоти пешниҳодкардааш баҳси илмӣ ба вуҷуд орад, онҳоро зери суол ва шубҳа кашад, мавқеъ ва нигоҳи муаллифиро дар ин замина ба миён орад. Далелҳои истифодашуда эътимодбахшанд. Ҳангоми таҳлил муносибат ба мавзуъ дуруст ва касбӣ буда, аз маҷрои зарурӣ берун нашудааст.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар як монография, 25 мақолаи чопии довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷмуаҳо ва дигар васоити илмию таълимӣ, аз ҷумла 20 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд ва пурра натиҷаҳои диссертатсияро фаро мегиранд. Теъдоди маводи чопшудаи диссертант ба талаботи банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон ба талаботи бандҳои 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Ҳамчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад. Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳалаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

**Эродҳо ба диссертатсия**. Бо вуҷуди муваффақиятҳои зиёд, дар диссертатсия як қатор камбудиҳо мушоҳида гардиданд, ки ислоҳашон аз манфиат холӣ нест:

1. Дар зебоби 1 боби 1 "Тавзеҳ ва таснифи манобеи таърихии истифодашуда" ҳангоми тавсифи маъхазҳо доир ба мукотиботи Темур (мактубҳо ба Тухтамиш, Боязид, султон Баркук ва диг.) маълумот оварда нашудааст.

2. Ҳангоми таҳқиқот нисбат ба масъалаҳои илму фарҳангу иқтисодиёт бештар ба масъалаҳои сиёсӣ афзалият дода шудааст (бобҳои 1-4 ба масъалаҳои сиёсӣ ва танҳо боби 5 – ба масъалаҳои илму фарҳанг бахшида шудаанд).

3. Асарҳои муаллифони ватанӣ доир ба масъалаи мавриди таҳқиқ бо асарҳои муаллифони хориҷӣ мавриди муқоиса қарор нагирифтааст ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо муайян карда нашудааст.

4. Бобҳои сеюм ва чоруми рисола ҳамном ва ҳаҷман хурданд. Хуб мешуд, ки бобҳои номбурдаро муттаҳид намуда, боби панҷум, ки ҳаҷман калон аст, ба 2 боби алоҳида тақсим гардад.

5. Дар рисола баъзан хатогиҳои техникӣ ба назар мерасад.

Камбудиҳои мазкур ҷузъӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмии таҳқиқоти мазкурро коста намесозанд. Зеро муаллиф вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи баланди илмию таҳқиқотӣ ва бо савияи баланди пажуҳишӣ ба анҷом расонидааст.

**Қисмати хотимавии такриз**. Диссертатсия аз лиҳози мубрамият, ном ва нақши мавзуъ, муқаддима, бобҳо ва зербобҳо, хулосаю сарчашмаҳо пайдарҳам ва бо услуби илмӣ тахия гардидааст. Таҳлили матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки он кори анҷомёфта буда, дорои навгониҳо ва натиҷаҳои боэътимод аст.

Автореферати диссертатсия, гузоришҳои илмӣ ва мақолаҳои ба чоп расонидаи Муродзода Аҳмадхон Амрохон муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос намуда, аз лаёқати баланди илмии довталаби дараҷаи илмӣ гувоҳӣ медиҳад. Диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон бо доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқие, ки дар шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ мушаххас шудаанд, комилан мувофиқат мекунад.

**Хулоса,** диссертатсияи Муродзода Аҳмадхон Амрохон дар мавзуи «Таърихнигории таърихи Мовароуннаҳру Хуросони нимаи дуюми асри XIV ва асри XV» кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб рафта, ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардида аст, ҷавобгу мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ аст.

Тақризи мазкур бо назардошти талаботи бандҳои 71 ва 72 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, тахти №267 тасдиқ шудааст, омода гардидааст.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои таърих, профессори
кафедраи археология, этнография ва диншиносии
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Раҳимов Н.Т.**

Суроға: 735018, Ҷумхурии Тоҷикистон,
шаҳри Хуҷанд, микроноҳияи Мевагул
бинои 10, хуҷраи 190
Тел.: +992 927305194
E-mail: nabir@mail.ru

«Имзои д.и.т., профессор Раҳимов Н.Т.-ро тасдиқ мекунам»:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд
ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Сайдуллозода З.С.**

20.06.2025